*Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-30-и*
*назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*
*(734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 25)*

# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Ҳасанов Шарифхӯҷа Қозиевич таҳти унвони «Омилҳои сиёсию ҳуқуқии муқовимат бо коррупсия дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ» (дар асоси таҷрибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон), ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои сиёсӣ аз рӯи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ (илмҳои сиёсӣ) пешниҳод шудааст.**

*Муҳимияти мавзӯи таҳқиқот.* Мубрамияти мавзӯи таҳқиқшуда барои Тоҷикистон ва низоми давлатдории навини Тоҷикистон аз он иборат аст, ки дар давраи солҳои 1991-2020 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйиротҳои куллӣ дар сохтори давлатдорӣ, соҳаҳои иҷтимоию иқтисодии мамлакат ба амал омаданд. Воридшавии Тоҷикистон ба созмонҳои гуногуни байналмилалӣ, аз ҷумла СММ, ИДМ, СҲШ ва ғайра зарурatero ба миён овард, ки барои баланд бардоштани мартаба ва эътибори кишвар дар арсаи байналмилалӣ чораҳои мушаххас андешида шаванд. Яке аз омилҳои боэътимоди ҳалли ин масъала ба таври ҷиддӣ коҳиш додани сатҳи амалҳои коррупсионӣ дар ҳама самтҳои давлатдорӣ мебошад. Татбиқи ислоҳоти сиёсию маъмурӣ ва ҳуқуқӣ, ки ҳадафи он таъмини идоракунии самаранок ва шаффофи давлат ва таҳкими пояҳои демократия мебошад, бо бисёр монеаҳо, аз ҷумла коррупсия мувоҷеҳ мегардад. Фасодзада будани маъмурони давлатӣ бо қарорҳои қабулнамудаи онҳо иртибот дошта, аксаран арзишҳои сиёсию демократиро беқурб месозанд, ки ин дар ниҳояти кор метавонад боиси қонуншикании худи мақомоти ҳокимияти давлатӣ гардад. Таҳлили сиёсии фаъолияти зиддикоррупсионии давлат тавассути таҳия ва қабули қарорҳои муносиб дар

низоми идоракунии давлат, пешгирӣ ва ба ҳадди ақал расонидани падидаҳои коррупсионӣ ба мавзӯи доғи рӯзи ҷомеа табдил ёфтааст. Мубориза бо ин падидаи номатлуб дар тамоми давру замон диққати ҳамагонро ба худ ҷалб намудааст,чунки он ба рушди иҷтимоию иқтисодии давлатҳо метавонад таъсири фоҷеабори худро расонад. Ин падидаи номатлуб дар шароити Тоҷикистон низ авҷ гирифта, барои рушди устувори кишвар монеаҳо эҷод мекунад. Дар замони ҳозира масъалаи таҳияи омилҳои самараноки сиёсию идеологӣ, сиёсию ҳуқуқӣ, сиёсию идоракунии муқовимат бо падидаҳои коррупсионӣ мавриди таваҷҷуҳи ҷиддии ҳам аҳли илм ва ҳам мақомоти ҳокимияти давлатӣ қарор гирифтааст. Зарурати баррасии иқдомот барои муқовимат бо падидаҳои манфии сиёсӣ, ки натиҷаи мушкилоти буҳронӣ дар раванди давлатдорӣ мебошанд, таҳлили сиёсии муқовимат бо коррупсияро дар сатҳи мақомоти ҳокимияти давлатии Тоҷикистони муосир ба масъалаи доғи рӯз табдил додааст. Аз ин рӯ, бо такя ба омилҳои номбурда масъалаи пажӯҳиши дарёфти роҳу воситаҳо ва омилҳои сиёсиву ҳуқуқии муқовимат бо коррупсия дар сохтори мақомоти ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи басо муҳим ба шумор меравад, ки сабаби интихоби мавзӯи пажӯҳиши мазкур шудааст.

***Дараҷаи омӯзиши илмии мавзӯъ.*** Мавзӯи рисолаи илмии мазкур хусусияти байниилмӣ дошта, дар доираи илмҳои таърих, сиёсатшиносӣ, ҳуқуқшиносӣ, ҷамъиятшиносӣ ва равоншиносӣ пажӯҳиш шудааст ва дар ин ҳол аз методҳои мантиқию таърихӣ ва илми сиёсатшиносӣ бештар истифода шудааст. Ҳар яке аз ин илмҳо бо такя ба методология ва анъанаҳои мавҷудаи илмӣ масъалаи мазкурро таҳқиқ карда, роҳҳои пешгирӣ ва ҳалли онро нишон додаанд. Дар ин замина метавон гуфт, ки дидгоҳ ва анъанаҳои илми сиёсатшиносӣ таҳқиқ ва сатҳи омӯзиши ин масъалаҳоро пурра менамоянд. Кобили зикр аст, ки дар илми муосири тоҷик масъалаи коррупсия дар сатҳи зарурӣ таҳлилу баррасӣ нашудааст. Боиси қаноатмандист, ки таҳқиқи масъалаи муқовимат бо коррупсия дар сохтори мақомоти ҳокимияти давлатӣ беш аз пеш мавриди таваҷҷуҳи сиёсатшиносон, ҳуқуқшиносон,

иқтисодшиносон ва ҷомеашиносон қарор мегирад. Бо вуҷуди ин, бисёр ҷанбаҳои назариявии мавзўи мазкур, аз ҷумла масъалаи самаранокии омилҳои сиёсию ҳуқуқии муқовимат бо коррупсия ҳанўз ба қадри кофӣ омўхта нашуда, доир ба хусусиятҳои пайдоиш, инкишоф ва зуҳуроти коррупсия, ки сабабҳои объективию субъективии худро дорад, ягон таҳқиқоти бунёдӣ ва мондагор таҳия нагардидааст. Пажўҳишҳое, ки тавонанд раванди ташаккул, комёбӣ ва камбудиҳои сиёсати давлатии зиддикоррупсиониро дар Тоҷикистон инъикос ва барои ислоҳу такмили сиёсати мазкур тавсияҳо пешниҳод намоянд, талошҳои роҳбарияти сиёсии кишвар ва иқдомоти мақомоти ҳифзи ҳуқуқро дар мубориза бар зидди коррупсия ба таври муносиб дар арсаи байналмилалӣ муаррифӣ кунанд, мутаассифона, ангуштшуморанд. Заминаҳои сиёсию ҳуқуқии мубориза бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, амалан мавриди таҳқиқоти ҷиддии илмӣ қарор нагирифта, таҳлили муқоисавии он бо стандартҳои байналмилалии ҳуқуқӣ ҳанўз ҳам вуҷуд надорад. Чунин ҳолат метавонад иҷрои ухдадориҳои сиёсии ҷумҳуриро, ки аз ширкат дар созмонҳо, созишномаҳо ва барномаҳои зиддикоррупсионии байналмилалӣ бармеояд, ба мушкилӣ мувоҷҷеҳ созад.

***Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот.*** Мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ омўзиши сабабҳои пайдоиш, оқибатҳои ногувори коррупсия, ошкор намудани омилҳои сиёсию ҳуқуқии муқовимат бо коррупсия дар сатҳи мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва таҳияи пешниҳодҳо доир ба такмил додани технологияи муқовимат бо коррупсия мебошад.

Барои дастрасӣ пайдо кардан ба ҳадафи матраҳшуда ҳаллу фасли вазифаҳои зерин аз тарафи унвонҷў пешбинӣ шудаанд:

– мушаххас намудани мафҳуми «сиёсати зиддикоррупсионӣ» аз мавқеи илми сиёсатшиносӣ;

– таҳлили сабабҳои таърихии пайдоиш ва таҳаввули падидаи коррупсия;

– ошкор намудани заминаҳои пайдоиш ва рушди коррупсия ҳамчун падидаи иҷтимоию сиёсӣ;

– асоснок намудани муҳимтарин роҳу воситаҳои муқовимат бо коррупсия дар сатҳи мақомоти ҳокимияти давлатӣ;

– ошкор намудани стратегия ва чораҳои сиёсию ҳуқуқии муқовимат бо коррупсия дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ;

– муайян кардани омилҳои ташкилию идеологии муқовимат бо коррупсия дар мақомоти ҳокимияти давлатии ҷомеаи муосир;

– таҳқиқи роҳу воситаҳои таъмини шаффофияти фаъолияти назоратии ҳокимияти давлатӣ;

– асоснок кардани нақши ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар муқовимат бо коррупсия;

– баррасии сатҳи татбиқи омилҳои сиёсию меъёрии муқовимат бо коррупсия дар мақомоти ҳокимияти давлатии муосир;

– таҳлили нақши омилҳои афзалиятноки сиёсию идоракунии муқовимат бо коррупсия дар мақомоти ҳокимияти давлатии Тоҷикистони муосир;

– асоснок кардани зарурати бунёди давлати самаранок ҳамчун зинаи навини ҳамкории давлат бо ҷомеаи шаҳрвандӣ;

– пешниҳоди тавсияҳо оид ба роҳҳои такмили тадбирҳои сиёсию идоракунии муқовимат бо коррупсия дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ.

***Асосҳои назарӣ ва методологии таҳқиқот.*** Ба сифати заминаҳои назариявии таҳқиқот асарҳои илмии олимони ватанӣ ва хориҷӣ оид ба сабабҳои зуҳури амалҳои коррупсионӣ дар сатҳи мақомотҳои давлатӣ, оқибатҳои ба онҳо вобастабуда ва омилҳои сиёсию ҳуқуқии муқовимат бо коррупсия дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ, чораҳои ташкилию сиёсӣ ва иҷтимоии пешгирӣ кардани он истифода гардидаанд. Бо назардошти ҷанбаи системавӣ доштани мавзӯи таҳқиқот аз методҳои гуногуни умумиилмӣ ва махсуси илмӣ, аз қабили методи диалектикӣ, таърихӣ, системавӣ, сохторию функсионалӣ ва институтсионалию синергетикӣ истифода гардидааст. Истифодаи методи системавӣ имкон додаст, ки коррупсия ҳамчун як низоми томи бо соҳаҳои мухталифи иҷтимоию иқтисодӣ робитадошта баррасӣ шавад. Асоси эмпирикии рисоларо натиҷаҳои таҳқиқотҳои оморию

сотсиологӣ, инчунин далелҳои мансуб ба адабиёти илмии соҳа ташкил додаанд.

***Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ.*** Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсиониро муайян намудани сабабу оқибатҳои коррупсия, таҳияи механизмҳои сиёсии муқовимат бо коррупсия дар сатҳи мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва пешниҳодҳо доир ба такмили технологияи муқовимат бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил додааст, аз қабили:

– такмили мафҳуми «сиёсати зиддикоррупсионӣ» тибқи таҳлили муқоисавии назарияҳои илми сиёсатшиносӣ ва бо назардошти нақши ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳамчун субъектҳои фаъоли муқовимат бо коррупсия дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ;

– асоснок кардани афзалияти муносибати криминологӣ ба таърифи коррупсия, сарфи назар аз кофӣ набудани истифодаи фақат меъёрҳои криминологӣ барои таҳқиқи коррупсия ҳамчун зуҳуроти мураккаби иҷтимоӣ;

– ошкор намудани стратегияҳои муқовимат бо коррупсия, аз қабили «стратегияи ҷанг», стратегияи ғайрифаъоли бошуурона, стратегияи бартарафсозии шароит ва омилҳои асосии муқовимат бо коррупсия дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ;

– пешниҳоди чораҳои нисбатан муҳими меъёрии ҳуқуқии муқовимат бо коррупсия дар сатҳи мақомоти ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– бо назардошти зарурати андешидани тадбирҳои нав муайян сохтани самтҳои афзалиятноки сиёсию идоракунии муқовимат бо коррупсия дар сатҳи мақомоти ҳокимияти давлатӣ;

– дар асоси таҳлили тамоюли рушди «иқтисодиёти ниҳонӣ» дар ҷумҳурӣ муайян кардани самтҳо ва имкониятҳои иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ ва сиёсии муқовимат бо фаъолияти коррупсионӣ.

– бо назардошти вижагиҳои рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ дар ҷумҳурӣ (кӯшишҳои татбиқи арзишҳои ғарбӣ ва ҳамзамон вуҷуд доштани ҷомеаи шаҳрвандии ғайримутташаккил), ки бояд ташаккули низоми нави муносибатҳои миёни давлат ва ҷомеаи шаҳрвандиро инъикос намояд,

асоснок кардани хусусиятҳои рушди таърихӣ ва иҷтимоию иқтисодии ҷумҳурӣ;

–дар асоси омӯзиш ва ҷамъбасти таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ ҷиҳати мубориза бо коррупсия таҳия ва пешниҳоди тавсияҳои илмӣ роҷеъ ба идоракунии давлатии ҳаёти ҷамъиятӣ ва ғайра.

***Аҳамияти назариву амалии таҳқиқот.*** Аҳамияти назариявии таҳқиқот дар он ифода мегардад, ки аксарияти хулосаҳо ва пешниҳодҳои назариявии дар он ифодаёфта имконият медиҳад, ки дар таҳқиқоти минбаъдаи масъалаҳои муқовимат бо коррупсия дар ниҳодҳои мақомоти ҳокимияти давлатӣ ба ҳайси тавсияҳои методологӣ истифода бурда шаванд. Инчунин, пояи назариявии таҳқиқоти мазкур метавонад ҳамчун замина дар таҳияи механизмҳои сиёсиву ҳуқуқӣ ва иқтисодии муқовимат бо коррупсия хизмат намояд.

Хулосаҳои маводи амалӣ, ки дар диссертатсия оварда шудаанд, метавонад дар таҳияи консепсияҳои муқовимат бо коррупсия дар сатҳи мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва ташкили тарҳҳои бештар самараноки рушди устувори сиёсии давлат истифода шаванд.

Нуктаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонанд ба мақсади баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар ҷиҳати муқовимат бо коррупсия ва коҳиш додани пайомадҳои сиёсию ҳуқуқии он истифода шаванд. Хулосаҳои диссертатсия метавонад дар таълиму тадриси фанҳои «Сиёсати давлатӣ ва идоракунӣ», «Сиёсатшиносии ниҳодӣ», инчунин дар курсҳои махсус оид ба ҷанбаҳои сиёсии барҳамдиҳии коррупсия ва таъмини амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода шавад. Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ба кумитаи дахлдори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва идораҳои давлатии сатҳҳои гуногун пешниҳод шудаанд ва дар ҳуҷҷатҳои дахлдори давлатӣ дарҷ ёфтаанд.

***Саҳми шахсии унвонҷӯи илмӣ.*** Муаллиф дар таҳқиқи масъалаи муқовимат бо коррупсия дар мақомоти давлатӣ, бахусус дар қисмати таҳияи

омилҳои сиёсию ҳуқуқӣ ва идеологии он, ки ба роҳ мондани низоми маърифати ҳуқуқии зиддикоррупсионии шаҳрвандон, амалисозии маҷмӯи тадбирҳои дар шаҳрвандон ташаккул додани шуури ҳуқуқӣ, зиддикоррупсионӣ, малакаҳои рафтори ҳуқуқӣ дар муқовимат бо коррупсия, таҳияи тавсияҳо барои шаҳрвандон ҳангоми мувоҷеҳ шудан бо ҳодисаҳои маблағситонӣ, тамаъҷӯӣ, ришвакситонӣ ва дигар намудҳои зуҳуроти коррупсионӣ дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ, таълифи кодекси одоби хизматчиёни давлатӣ, таъмини озодии ВАО дар дарёфт ва интишори иттилоот ҷиҳати муқовимат бо коррупсия дар мақомоти ҳокимияти давлатиро пешбинӣ мекунад, саҳм гузошта, хулоса ва пешниҳодҳои илмиро тасвия карда, монографияҳо ва мақолаҳои илмӣ тайёр намудааст.

***Интишори натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ.*** Натиҷаҳои илмии диссертатсия дар 70 номгӯй таълифоти илмии муаллиф, аз ҷумла 8 монография, 62 мақолаи илмӣ инъикос ёфтаанд, ки 39-тои он дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи феҳристи Комиссияи олии аттестатисионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд.

***Сохтори диссертатсия*** ба мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот асос ёфта, аз муқаддима, чаҳор боб (иборат аз 11 фасл), хулоса, феҳристи иихтисораҳо, феҳристи сарчашмаҳои истифодашуда ва замимаҳо иборат мебошад.

Дар боби аввал таҳти унвони **“Асосҳои назариву методологии таҳқиқи назарияи коррупсия**”, ки иборат аз 4 фасл аст, масъалаҳои марбут ба асосҳои назариявии таҳқиқи коррупсия дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ, ҷанбаҳои методологии назарияи коррупсия ва сабабҳои пайдоиш ва рушди коррупсия ҳамчун зуҳуроти иҷтимоию сиёсӣ мавриди таҳқиқ ва баррасии илмӣ қарор ёфтаанд (с. 24-112).

Муаллифи рисолаи илмӣ дар фасли аввал масъалаҳои марбут ба асосҳои назариявии таҳқиқи коррупсия дар мақомоти ҳокимияти давлатиро мавриди таҳқиқ қарор дода, иброз медорад, ки илми муосири ҷомеашиносӣ, аз ҷумла

сиёсатшиносӣ мафҳуми “коррупсия”-ро ҳамчун мафҳуми умумиилмӣ баррасӣ кардааст ва дарки илмиву кушодани мазмуну мундариҷаи онро ҳамаҷониба омӯхтааст. Дар натиҷа, аз назари муаллифи таҳқиқот, омӯзиши масъалаи коррупсия ва омилҳои иҷтимоии пайдоиши он дар нимаи дувуми қарни XX ба соҳаи муносибати фаннӣ-соҳавӣ табдил ёфта, истифодаи он натиҷаи мусбат додааст. Таҷрибаи ҷаҳонӣ мутахассисон ва олимони ин соҳаро водор месозад, ки дар асоси фаъолияти муштарак назария, методология ва консепсияҳои худро пешниҳод намоянд, то ки моҳияти аслии ин падидаи номатлуб ошкор ва механизмҳои бартараф намудани он дар бахшҳо ва сохторҳои гуногуни ҳокимияти давлатӣ таҳия карда шаванд. Қисми зиёди муҳаққиқоне, ки дар ин соҳа кор мекунанд, таъкид кардааст муаллиф, бо назардошти муносибатҳои гуногунҷанба коррупсияро натиҷаи дахолати аз ҳад зиёди давлат ба равандҳои иҷтимоиву иқтисодӣ медонанд.

Дар фаслҳои дуюму сеюм сухан дар бораи ҷанбаҳои методологии назарияи коррупсия ва сабабҳои пайдоиш ва рушди он ҳамчун зуҳуроти иҷтимоию сиёсӣ дар дарозои таърих меравад. Аз ҷумла қайд карда мешавад, ки сабабҳои асосии коррупсия дар кишварҳои дорои иқтисодиёти давраи гузариш, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ба онҳо мансуб аст, паст рафтани рушди иқтисодӣ, бесуботии сиёсӣ, номукаммалии қонунгузорӣ, самаранок фаъолият накардани ниҳодҳои ҳокимият, заъфи ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, набудани анъанаҳои устувори демократӣ мебошанд. Дар фасли чоруми ҳамин боб муҳаққиқ масъалаи таҳаввул ва инкишофи коррупсияро дар дарозои таърихи башар мавриди таҳқиқ қаро дода, хотирнишон месозад, ки хусусияти давраи имрӯзаи рушди коррупсия дар он аст, ки он падидаи иҷтимоию иқтисодии ҷаҳонӣ шуда, ҷанбаи глобалӣ гирифтааст. Болоравии робитаҳои хоҷагии

ҷаҳонӣ рушди коррупсияро вусъат мебахшад, дар ин робита сиёсатмадорон ва хизматчиёи давлатӣ бевосита ва ба таври фаъол амал мекунанд. Дар натиҷа олигархияи молиявии сатҳи байналмилалӣ, ки паногоҳи сиёсӣ дорад, торафт авҷ мегирад.

Боби дуввуми таҳқиқоти илмӣ **“Дурнамо, самтҳо ва усули сиёсати зиддикоррупсионӣ дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ”** ном дошта, ба омӯзиш ва таҳқиқи масъалаҳои марбут ба сиёсат, усул ва самтҳои асосии муқовимат бо коррупсия, шаклҳои асосии зуҳури коррупсия ва омилҳои муқовимат бо он дар Тоҷикистони муосир бахшида шудааст ва шомили ду фасл мебошад (с. 112-154).

Дар фасли аввали ҳамин боб муҳаққиқ хотирнишон месозад, ки сиёсати зиддикоррупсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ифодакунандаи иродаи ҳокимияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, бо мақсади паст намудани сатҳи амалҳои коррупсионӣ ва таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои қонунии шаҳрвандон, ҷомеа ва давлат аз таҳдидҳои бо коррупсия алоқамандбуда, бо роҳҳои таъмини амалигардонии самтҳои зерин равона карда мешавад: баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ; дар фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионӣ; иҷрошавии муқаррароти санадҳои ҳуқуқии байналмилалии аз тарафи Тоҷикистон эътирофгардида; амалисозии талаботи ҳатмӣ ва иловагии Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид оид ба мубориза бар зидди коррупсия; таҳияи механизми иҷрои талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия»; таҷдиди назар кардани қонунгузории мурофиавии судии граждан ӣ ва иқтисодӣ; такмили асосҳои ташкилию методии ташхиси зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ; бартараф намудани ҳама гуна омилҳои тавлидкунандаи коррупсия; вусъат додани иштироки Тоҷикистон дар ҳамкории байналмилалии ҳуқуқии зиддикоррупсионӣ; таъмини иштироки манфиатноки ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва бахши хусусӣ дар ҷараёни муқовимат бо коррупсия. Дар фасли

дуввуми он дар асоси омӯзиши таҷрибаи ҷаҳонӣ оид ба зуҳури коррупсия ва омилҳои муқовимат бо он Тоҷикистони муосир аз методҳои гуногуни ию назариявӣ ва амалӣ истифода шудааст.

Боби сеюми диссертатсия таҳти унвони **“Муқовимат бо коррупсия дар мақомоти давлатӣ”** иборат аз 2 фасл буда, масъалаҳои мубрамеро перомуни таҷрибаи ҷаҳонии муқовимат бо коррупсия, омилҳои муқовимат бо коррупсия ва таъмини шаффофияти фаъолияти мақомоти назораткунанда дар ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди омӯзиш ва таҳлили илмӣ қарор додааст (с. 155-224).

Ба ақидаи муҳаққиқ, мубориза бар зидди коррупсия кори басо пурмасъул ва дар айни ҳол мураккаб мебошад. Мураккаб будани мубориза бар зидди ин падидаи манфӣ, пеш аз ҳама, дар он ифода меёбад, ки раванди мубодилаи судманди сарватҳои моддӣ ва иттилооти махфӣ дар ихтиёри коррупсионерҳо қарор дорад ва ин ба онҳо имкон медиҳад, ки равандҳои иҷтимоӣ ва рафтори одамро ба самти ба манфиатҳои онҳо мувофиқ ташкил ва равона созанд. Ғайр аз он, коррупсия дар соҳаи идоракунии давлатӣ падидаи бомуназзаме мебошад, ки муборизаи доимӣ бо он ҷустуҷӯи механизмҳои навро тақозо менамояд. Унвонҷӯ дуруст қайд менамояд, ки вазъи мубориза бо коррупся дар Ҷумҳурии Тоҷикистон беҳбудӣ мехоҳад, зеро тадбиру чораҳои муқовимат бо коррупсия ба таври бояду шояд амал намекунанд. Бинобар ин, аз назари ӯ, дар марҳилаи кунунӣ ҷоннок гардонидани корҳои зерин мувофиқи мақсад аст: тақвияти қонунгузорӣ ва мутташакилии воситаҳои ҳуқуқии муқовимат бо коррупсия; ҳамкории муассир миёни бахшҳои давлатӣ ва хусусии истиснокунандаи дахолат ба муносибатҳои ҳуқуқии хусусӣ; баланд бардоштани масъулият барои ҳуқуқвайронкуниҳои содиргардида; шаффоф ва ҳисоботдиҳанда будан ва таҳти назорат қарор доштани шахсони дорандаи ваколатҳои ҳокимияти оммавӣ.

Боби чоруми таҳқиқоти илмӣ **“Роҳҳои баланд бардоштани нақши ниҳодҳои давлатӣ ва сиёсию ҷамъиятӣ дар мубориза бар зидди**

**коррупсия**" ном дошта, 3 фаслро дар бар гирифтааст. Боби мазкур шаклу шеваҳои баланд бардоштани нақши ниҳодҳои идоракунии давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар мубориза бар зидди коррупсия, мақом ва нақши давлати иҷтимоӣ дар мубориза бо коррупсия ва такмили тадбирҳои идораи сиёсӣ дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ, бунёди давлати босамар ҳамчун марҳилаи нави ҳамкории давлат ва ҷомеаи шаҳрвандиро мавриди омӯзиш қарор додааст (с. 225-275).

Муаллифи рисолаи илмӣ дар асоси таҳлилҳои амиқ ба хулоса меояд, ки дар шароити имрӯза муваффақияти мубориза бар зидди коррупсия ба инобат гирифтани чунин нуктаҳоро тақозо менамояд:

– тақвият додани ҳамкории давлат бо ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, ташкилотҳои байналмилалӣ ва шахсони воқеӣ дар самти мубориза бар зидди коррупсия;

– фароҳам овардани шароити мусоид барои ҳамкорӣ бо ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, ташкилотҳои байналмилалӣ ва шахсони воқеӣ дар кори мубориза бар зидди коррупсия;

– маҳз тавассути ҳамкории ҷомеаи шаҳрвандӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ имконият пайдо мешавад, ки сабабу омилҳои ҷинояткорӣ ошкор ва фаъолияти муташаккилонаи онҳо ба бартараф намудани сабабу омилҳои коррупсия равона карда шавад.

Аз назари унвонҷӯ, дурнамои барҳамдиҳии сабабҳои коррупсия бояд аз инҳо иборат бошад:

– баланд бардоштани масъулияти сиёсии намояндагони мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар маъракаҳои сиёсӣ, шаффофияти маблағгузории ҳизбҳо, раванди овоздиҳии интихобкунандагон ва танзими низои манфиатҳо дар хизмати давлатӣ;

– васеъ кардани имконоти иштироки ҷомеаи шаҳрвандӣ тавассути кафолати озодии иттилоот ва таҳкими нақши ВАО;

– бунёди бахши хусусии рақобатпазир бо роҳи тағйир додани сохтори инҳисорот ва баланд бардоштани нақши омилҳои рақобатӣ, коҳиш додани

монеаҳои воридшавӣ ба бозор, шаффофияти идоракунии корпоративӣ, афзоиш додани ҳуқуқҳои ширкатҳои тиҷоратӣ;

–ислоҳи идоракунии бахши давлатӣ тариқи ба кор гирифтан ба хизмати давлатӣ тибқи собиқаи хизматҳо, ғайримуттамарказ гардонидани идораи давлат, баланд бардоштани шаффофияти раванди истифодаи маблағҳои буҷетӣ ва фаъолияти маъмурони хадамоти андозситонӣ.

Дар қисмати хулоса натиҷаҳои асосии таҳқиқоти илмӣ оварда шудаанд. Муаллифи рисола ҳамчунон иборат аз 14 нукта тавсияҳои хешро дар асоси истифодаи амалии натиҷаҳои тадқиқоти мазкур пешниҳод намудааст, ки арзиши илмию амалии диссертатсияро боло бурдаст.

***Дар баробари ҷанбаҳои зиёди мусбати рисола дар он баъзе масъалаҳои баҳснок ва ё начандон мушаххас ба назар мерасанд, аз ҷумла:***

1. Муаллифи рисола дуруст қайд менамояд, ки яке аз роҳҳои муҳим ва муассири пешгирӣ ва муқовимат бар зидди коррупсия ин таъмини фазои солими ҳуқуқӣ, идоракунии пурсамар ва махсусан истифодаи самаранок аз ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандист, аммо, мутаассифона, ин нуктаи муҳим дар рисола ба таври мушаххас ва равшан инъикоси худро наёфтааст;
2. Муаллифи рисола дар мавриди раванди ташаккули коррупсия ҳамчун падидаи носолим ва зарарноки ҷомеа таҳлили хуберо анҷом додааст ва қайд намудааст, ки дар баробари дигар омилҳо сатҳи пасти фарҳанги шаҳрвандӣ низ ба авҷи коррупсия мусоидат мекунад, аммо сатҳи чунин як фарҳанг дар Тоҷикистони муосир ба кадом дараҷа аст, натиҷагирӣ нашудааст;
3. Таҷрибаи ҷаҳонӣ дар бобати мубориза бар зидди коррупсия дар рисола хеле хуб таҳлил ва инъикос ёфтааст, аммо ба таври мушаххас хулоса ва пешниҳод нашудааст, ки ин ё он таҷриба то кадом андоза ба шароити имрӯзаи Тоҷикистон созгор ва қобили қабул аст;

4. Тарзи нигориш ва забони рисолаи илмӣ таҳрири ҷиддӣ мехоҳад. Масалан, як идда феълҳои таркибии забони тоҷикӣ, аз қабили “таҳлил кардан/намудан”, “бунёд сохтан/кардан”, “таъмин кардан/намудан”, “коҳиш додан”, “такмил додан” ва ғайра зарурат ба феълҳои ёридиҳанда надоранд: “таҳлили масъала, бунёди ҷомеаи шаҳрвандӣ, таъмини фазои ҳуқуқӣ, коҳиши назорат, такмили тадбирҳои муфид” гуфтан кофист, чун амал дар худи калимаи аввал (асосӣ) ҷой дорад.

Норасоиҳои мазкур дар умум ҳангоми баҳодиҳии мусбати таҳқиқоти диссертатсионӣ нақши муайянкунандаро намебозанд ва танҳо шаҳодати он мебошанд, ки масъалаҳои баррасишаванда хеле муҳим буда, мураккаб ва баҳсноканд ва Ҳасанов Ш. Қ. дар ҳалли баъзе аз масъалаҳо дар натиҷаи омӯзиши сарчашмаҳои мухталиф нуқтаи назари худро пешниҳод намудааст, ки он хоси гузаронидани таҳқиқоти илмӣ мебошад. Мазмуни диссертатсия шаҳодати кофӣ будани пуррагии баёни мазмун ва навгонии илмӣ доштани онро медиҳад. Муаллиф аз натиҷагириҳо хулосаҳои худро ифода намудааст, ки он метавонад барои рушди илми муосири назария ва аамалияи сиёсатшиносӣ саҳми сазовори худро гузорад.

Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона анҷом дода шуда, дорои ягонагиии дохилӣ мебошад. Натиҷа ва нуктаҳои илмии диссертатсия барои илми сиёсатшиносӣ навгонӣ буда, саҳми щахсии муаллифии диссертатсияро дар илм нишон медиҳад.

Автореферат дар умум мазмуни диссертатсияро инъикос менамояд.

**Ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ будани тартиб ва танзими диссертатсия.** Дар умум таҳқиқоти диссертатсионии Ҳасанов Ш. Қ. ба талаботи тартиби додани дараҷаҳо ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016 таҳти № 505 тасдиқ шудааст, мувофиқат дорад. Зеро ҳангоми баррасии матни диссертатсия ва

автореферат маълум гардид, ки таҳқиқот ба талаботи муқарраршуда пурра ҷавобгӯ аст. Диссертатсия кори илмии тахассусии анҷомёфта буда, натиҷаҳои он барои рушди илми сиёсатшиносӣ ва низоми ҳуқуқии кишвар аҳамият доранд. Муаллифи он **Ҳасанов Шарифхӯҷа Қозиевич** сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои сиёсӣ аз рӯи ихтисоси 23.00.02 – ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ (илмҳои сиёсӣ) мебошад.

**Директори Ассотсиатсияи миллии**
**созмонҳои ғайридавлатии Тоҷикистон,**
**доктори илмҳои сиёсӣ** **Каримов Ш.Т.**

**“Имзои Каримов Ш.Т.-ро тасдиқ мекунам”.**
**Муҳосиби Ассотсиатсияи миллии**
**СҒД Тоҷикистон** **Турсунов М. З.**

*Суроға:*
*Ҷумҳурии Тоҷикистон,*
*Ассотсиатсияи миллии СҒД Тоҷикистон*
*(734925, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 30, ҳ.25)*
*Тел.: 935701780, E-mail: shamskarimov14@gmail.com*